«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент

_____________ Иматзода Л.М.
27 июни соли 2022

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 -Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллозода Муҳаммад.

Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна 21-уми декабри соли 1961 дар н. Ишкошими вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Мавсуф Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро соли 1984 аз рӯи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Мирбобоева Б. фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1984 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи №8-и н. Ишкошим оғоз намудааст. Аз соли 2013 то инҷониб ба ҳайси мудири шуъбаи технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна ба сифати унвонҷӯ дар бахши аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафа – аъло, Забони англисӣ – аъло, Педагогика – аъло ва ихтисос – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ- иҷтимоиро бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи шуъба аз 25. 05. 2022, №5).

Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевнаро бо иштироки муқарризони расмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз, номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Котибова Шарифамоҳ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Мирбобоева Б.М. оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ бадастоварда мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методии дар заминаи таҳқиқот коркардаашро ба самъи иштирокчиёни ҷаласа ироа кард ва ба саволҳои манзуркардаи иштирокчиёни ҷаласа ҷавобҳои мушаххас дод.

Доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ дар шароити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, доктор дар хусуси навгонии илмии диссертатсияи унвонҷӯ қайд намуд, ки он нақш ва мақоми техникаю технологияҳо дар самарабахш гардидани фаъолият дар соҳаҳои мухталифи инкишофи ҷомеа ба таври умумӣ нишон дода шуда, истифодаи техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ дар соҳаи маориф баррасӣ гардида, хусусиятҳои таъсири техника ва технологияҳои муосир ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон дар шароити муосир ошкор карда шуда, ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосир мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои ҳасос ва муассири ин масъала муайян карда шуда, дар асоси гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард гардиданд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия дар мавзӯи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи

муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар таҳқиқоти илмӣ-педагогии ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад доктор Гулмадов Ф. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯро ба инобат гирифта, онро ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ Котибова Ш. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба самаранокии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири таълим дар фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаҳои мазкур ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар мукаддима, ду боб ва ҷамъбасти онро нишон додааст.

Таҳқиқоти илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна имкон медиҳад, ки дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи раванди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва волидайни онҳо ба техника ва технологияи муосир ҳаллу фасл карда шавад. Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст.

Муқарриз Котибова Ш. ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони ҳамаи фанҳои таълимии муассисаҳои таълимии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи Мирбобоева Б. барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Ф., номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Котибова Шарифамоҳ ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, хулоса кард.

Диссертатсияи номзадии Мирбобоева Бибиваҳӣ мубрам ва дархӯри замон буда, масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар таълим ва тарбияи кӯдак яке аз масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки дер боз диққати омӯзгорону муҳаққиқонро ба худ ҷалб

намудааст. Дар шароити муосир истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотӣ дар соҳаи маориф ба самаранок гардидани раванди таҳсилот мусоидат менамояд. Пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити муосир заминаи техникии фаъолияти меҳнатӣ ва мазмуну мундариҷаи меҳнатро сифатан тағйир дода, бо ин васила ба дигаргуншавии характери меҳнат таъсири бевосита мерасонад. Аз ин хотир, аз шахси замони муосир натанҳо иҷроиши вазифаҳои ҷисмонӣ, балки вазифаҳои зеҳнӣ низ талаб карда шуда, ҳамкории хонавода ва мактаб дар самти тарбияи кӯдак ва самаранок намудани раванди таълим муҳим ва зарур ҳисобида мешавад.

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла,

- дар доираи донишҳои назариявӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои рушди техника ва технология, нақш ва мақоми онҳоро дар самаранок гардидани фаъолият дар соҳаҳои мухталифи инкишофи ҷомеа ошкор намудааст;

- ташаккули муносибати мусбати хонандагонро ба техника ва технологияи муосир омӯхта, баррасӣ карда, омилҳои мусбат ва манфии ташаккули чунин муносибатро ошкор намудааст;

- ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотиро баррасӣ намудааст;

- оид ба ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои санҷишӣ-озмоишӣ гузаронидааст.

Диссертант зимни иҷрои вазифа ва баргузории таҳқиқоти илмӣ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст: Аз ҷумла, муаллиф дар маҷмуъ бо истифода аз донишҳои назариявӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои техника ва технологияро муайян карда, дар рисола таснифоти шахсии ин мафҳумҳоро пешниҳод намуда, нақш ва мақоми техникаю технологияро ба таври умумӣ дар самаранок гардидани фаъолият дар соҳаҳои мухталифи инкишофи ҷомеа нишон дода, истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотиро дар соҳаи маориф баррасӣ намуда, ташаккули муносибати мусбии хонандагон ба техника ва технологияҳои муосирро мавриди омӯзиш қарор дода, омилҳои мусбӣ ва манфии ташаккули муносибати хонандагон ба техника ва технологияи муосирро баррасӣ карда, муҳимияти ин равандро барои муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ошкор карда, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода

ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи мусоири иттилоотӣ омӯхта, зарурати васеъ ва самаранок намудани ҳамкориҳо дар ин самт муайян кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар коркард, таҳия ва пешниҳоди маводи мушаххас оид ба татбиқи инкишофи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон бо истифода аз техника ва технологияи муосири иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо назардошти мақсадгузорӣ барои дастёбӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда ва маводи ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳо дар ин самт, ки дар раванди таълим вобаста ба амалӣ намудани муҳити муосири таълимию тарбиявӣ истифода мегарданд, ифода меёбад.

Таҳқиқоти илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ

қ а р о р   к а р д:

1. Диссертатсияи илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 23 июни соли 2022, протоколи №12 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 17 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Туронов С.

**Муқарризон:**
Доктори илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Ф.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва
ибтидоии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Котибова Ш.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои С.Туронов, Ф. Гулмадов , Ш. Котибова ва
Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.